Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Нақлиёт**
Касб: **Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил**
Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **TI 7231**
Миқдори воҳидҳои салоҳият: **24**
Сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2,3**
Тафсир:**01/соли 2024**
Рамзи умумии касб: **TI 7231-24-2,3-01/2024**

САЛОҲИЯТ
ТРЕНИНГ
МАҲОРАТ
ДОНИШ
РУШД
МАЛАКА
ОМӮЗИШ
ТАҶРИБА

**Стандарти салоҳиятҳои мазкур дар доираи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.**

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОР

аз «15» 10 соли 2024 №11 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи стандартҳои салоҳияти 20 касбу ихтисосҳо

Мутобиқи талаботи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб» Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Стандартҳои салоҳияти касбу ихтисосҳои «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», «Занбӯриасалпарвар», «Мошиначии автокран», «Дӯзанда (либоси занона)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», «Кандакорӣ дар чӯб ва пӯсти чӯб», «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ)», «Челонгар-таъмирчии кузови автомобил», «Оператори мошини бофандагӣ», «Мошиначии булдозер», «Турагент», «Дуредгар», «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология», «Ҳаррот», «Оператори мошини ресандагӣ», «Мошиначии кранҳои истеҳсолоти металлургӣ», «Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ», «Оператори мошини турбофӣ», «Оператори мошини рангкунӣ» ва «Челонгар - барқчии нерӯгоҳи барқии обӣ» тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» татбиқи стандартҳои салоҳиятро дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», корхонаҳои воҳиди давлатии назди Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Муасиссаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба роҳ монанд.

3. Раёсати котибот ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор карда шаванд, ки нусхаҳои электронии стандартҳои салоҳиятро дар сомонаҳои вазорат, агентӣ, лоиҳа ва муассисаҳои таълимӣ ҷой намоянд.

4. Нашр ва дастрас намудани стандартҳои салоҳият ба зиммаи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вогузор карда шавад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир – Давлатзода Қ. гузошта шавад.

Раиси Ҳайати мушовара,
вазир Г. Ҳасанзода

# ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИ
## **«ЧЕЛОНГАР ОИД БА ТАЪМИРИ МУҲАРРИКИ АВТОМОБИЛ»**

Стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» дар ҷаласаи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.10.2024, №31 баррасӣ гардидааст.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» аз ташхис (экспертиза)-и корфармоён ва ассотсиатсияҳои соҳавии зерин гузаронида шудааст:

| № | Ташкилот | Ному насаб | Вазифа | Ҳуҷҷат дар бораи ташхис |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Саидмуродзода Ш. | Муовини вазир | Хулоса аз 03.09.2024, №3(5.1)-1828 |
| 2. | ҶДММ «Сомон такси Сайр» | Ҳакимов Ҳ. | Директори генералӣ | Хулоса аз 13.09.2024, №577 |
| 3. | ҶДММ «Сафар Ориён» | Ҳакимов И. | Директор | Хулоса аз 29.08.2024, №530 |
| 4. | ҶДММ «Соро компания» | Давлятов Б. | Директор | Хулоса аз 27.08.2024, №191 |
| 5. | ҶДММ «Талко Персия» | Садуллоев С. | Директор | Хулоса аз 29.08.2024, №638 |

Стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» -ро таҳия намуданд:

| № | Ному насаб | Вазифа | Ташкилот |
|---|---|---|---|
| 1 | Мирзоев Мирҷон | Мутахассиси пешбар | Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» |
| 2 | Раҳимов Абдусамад | Омӯзгор | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе» |
| 3 | Алимов Фирдавс | Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил | Нуқтаи таъмири автомобилҳо (прокат) 63 |

**Модераторҳо (миёнҷиҳо):**

Данило Анишенко – коршиноси калидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

Бахтиёров Озар – супервайзер оид ба методологияи таълим дар асоси салоҳият.

**Мундарича**


Ихтисорот ........ 7
Муқаддима........ 8
Мафҳумҳои асосӣ........ 9
Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад........ 11
Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа ........ 12
Тавзеҳоти  умумии касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ........ 13
Рӯйхати умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил»........ 14
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 16
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 16
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ........ 18
Воҳидҳои салоҳияти заминавӣ (базавӣ) ........ 31
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ........ 40
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ........ 59
Талабот ба довталабон........ 62
Талабот ба омӯзгорон ........ 63
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ........ 63
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» сатҳи 3-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 66
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», сатҳи 3-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 66
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ........ 68
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ........ 76
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ........ 95
Талабот ба довталабон........ 99
Талабот ба омӯзгорон ........ 99
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ........ 100
Рӯйхати адабиёт:........ 102
Замимаи 1: Харитаи функсионалии касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ........ 103
Замимаи 2: Хулосаҳои соҳа (экспертиза) ........ 109

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| **ТАС** | Таълим дар асоси салоҳият |
| **ТИКТО** | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш |
| **DACUM** | Усули таҳлили функсионалӣ (аз ихтисороти «**D**eveloping **ac**urricul**um**», яъне «таҳияи барномаҳои таълимӣ») |
| **ТМТ ҶТ** | Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СС** | Стандарти салоҳиятҳо |
| **ВС** | Воҳиди салоҳият |
| **ЭС** | Элементи салоҳият |
| **МИ** | Меъёрҳои иҷро |
| **МБ** | Малакаҳои бокортаъминкунӣ |
| **СБТМ-08/ISCO-08** | Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо-2008 **(**International Standard Classification of Occupations-2008) |
| **ТМҶТ** | Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МТММСТ** | Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим |
| **МТКТ** | Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон |
| **ТИК/ICT** | Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (Information and communication technologies (ICT)) |
| **ҲМТБ** | Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| **TC** | Салоҳиятҳои фароумумӣ (Transversial Competencies) |
| **TB** | Салоҳиятҳои заминавии соҳаи нақлиёт (Transport basic) |
| **TI** | Салоҳиятҳои касбии соҳаи нақлиёт (Transport industry) |

## Муқаддима

Касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», ки дар натиҷаи вохӯриҳо бо вазорату идораҳо ва ассотсиатсияҳои соҳавӣ интихоб гардидааст, дар бозори меҳнати дохилӣ ва беруна талаботи зиёд дорад.

Бо ин мақсад ва баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисони касбҳои соҳаи нақлиёт, ки ба талаботи корфармоён ва мувофиқи меъёрҳои стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгуй бошанд, стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» таҳия шудааст.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» талаботи асосиро нисбати салоҳияти касбии мутахассиси дорои маълумоти ибтидоии касбӣ муқаррар менамояд.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯзиш ва таълими калонсолон, ки тибқи қонунгузорӣ ба онҳо ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро барои татбиқи барномаҳои таълимӣ дода шудаанд, истифода бурда мешавад.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», Барномаи давлатии касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб, Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо ва Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2025 таҳия карда шудааст.

Дар таҳияи стандарти салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» мутахассисони ботаҷриба, устоҳои нуқтаи таъмири автомобил, ки дар он ҷо чунин хизматрасониҳо пешниҳод карда мешаванд, иштирок намуданд.

Стандарти салоҳиятҳо талаботи тахассусиро ба касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», ки ба талаботи муосири байналмиллалӣ мутобиқи Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо (ISCO-08) мувофиқат мекунад, пешбинӣ мекунад.

## Мафҳумҳои асосӣ

**Бозори меҳнат** – низоми ташаккулёбии талабот ва пешниҳодот ба қувваи корӣ.

**Баҳодиҳӣ** (салоҳиятҳо) – маҷмӯи усул ва равандҳо, ки барои баҳодиҳии дастовардҳои шахс (дониш, маҳорат, малака ва муносибати ӯ, яъне салоҳиятҳо), ки одатан бо шаҳодатномадиҳӣ анҷом меёбанд.

**Воҳидҳои салоҳияти фароумумӣ** (трансверсалӣ) **–** ин салоҳиятҳои умумӣ мебошанд, ки барои бештари касбҳо ва амалан барои ҳамаи соҳаҳо заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ)** – ин чунин салоҳиятҳое мебошанд, ки дар доираи муайяни ин ва ё он соҳа талабот доранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷро намудани фаъолияти касбии мушаххас заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои махсус** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷрои фаъолияти хоси касбӣ истифода карда мешаванд.

**Воҳиди салоҳият –** ин баёноти кӯтоҳи натиҷаи вазифаҳои салоҳият мебошад, ки маълумот дар бораи дониш, маҳорат, малака ва муносибатро дорад (дар бораи мақсадҳои воҳиди салоҳият ва доираи малакаҳое, ки ба онҳо тааллуқ дорад, васеъ маълумот медиҳад).

**Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо –** барои гузаронидани баҳодиҳӣ маълумоти заруриро пешниҳод менамояд, усулҳои муносиб, захираҳои амиқ ва шароитро, ки барои гузаронидани баҳодиҳии воҳиди салоҳияти мушаххас заруранд, тавсиф менамояд. Номзад дар баҳодиҳӣ далелҳои мушаххасро пешниҳод менамояд, ки ба баҳодиҳандагон барои муайян кардан ва қабули қарор, ки оё салоҳияти муайян аз худ карда шудааст ва ё шахси мазкур корро дар ҷойи корӣ мувофиқи Стандарти салоҳиятҳои касбии тасдиқшуда иҷро карда метавонад, кӯмак мерасонад.

**Дескриптор** – (аз лотинӣ «descriptor» – тавсифкунанда) – воҳиди лексикӣ, ки барои шарҳ додани мазмуну моҳияти асосии ҳуҷҷат, истифода карда мешавад.

**Касб –** тарзи машғулият, намуди фаъолияти меҳнатие, ки тайёрии муайян, мавҷудияти донишҳои зарурӣ, маҳорат, малака ва салоҳиятнокиро талаб менамояд ва дар натиҷаи омӯзиши махсус ё таҷриба ба даст оварда мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва имкон медиҳад, ки шахс натанҳо дар шароити муқаррарӣ, балки дар шароити тағйирёбанда низ амал кунад.

**Малакаҳои бакортаъминкунӣ –** ин амалҳои бошууронаи мутахассис, ки ба мутобиқшавии бомуваффақият дар бозори меҳнат равона карда шудаанд. Маҳорати ташкил карда тавонистани донишу малакаҳои банақшагирӣ ва пешравии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳо барои пешравии бомуваффақият дар бозори меҳнат, дар ҳамаи бахшҳо ва зинаҳои шуғлро дар бар мегирад.

**Навсонӣ (вариативӣ)** муайян мекунад:

– аҳамияти истилоҳоти асосӣ, ки дар меъёрҳои иҷро истифода мешаванд;

– навсонӣ дар вазъияти корӣ ва ҳолатҳо, ки метавонанд ба фаъолият таъсир расонанд;

– фарқияти мазмунӣ дар вобастагӣ аз воҳидҳои салоҳият ва матни муайян (чун мизоҷони меҳмонхона аз мизоҷони барои таъмири кондитсионер фарқ мекунанд);

танҳо ба воҳиди салоҳияти мушаххас дахл доранд, на ба ҳамаи воҳидҳои салоҳиятҳо дар умум.

**Стандарт (standard)** – ҳуҷҷати меъёрӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор таҳия ва тасдиқ шудааст, дар он талаботи меъёрӣ, қоидаҳо, тавсифот ё принсипҳои умумие, ки ба намудҳои гуногуни фаъолият ё натиҷаи онҳо дахл доранд, муайян карда мешаванд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат расидан ба сатҳи беҳтарини низоми соҳаи мазкур мебошад.

**Стандарти салоҳиятҳои касб** – ин ҳуҷҷатест, ки талаботи меъёрии ҳадди аққали дониш, маҳорат, малака ва муносибат (яъне салоҳиятҳо), ки барои сатҳи муайяни тахассуси касбӣ заруранд, муайян мекунад ва шахс онҳоро бояд дар ҷойи кор дар ҳолатҳои стандартӣ ё тағйирёбанда нишон диҳад. Ҳар як кор мумкин аст, аз стандарти муқарраргардида баландтар иҷро карда шавад, дар ҳеҷ сурат на пасттар аз он. Стандарти салоҳият ба корфармо барои муайян намудани мутобиқатии сатҳи тахассуснокӣ ба талаботи истеҳсолот ёрӣ мерасонад ва маҳорати касбии намоишдодаи шахсро эътироф намуда, доимӣ нигоҳ доштани стандарти олии касбии ӯро тасдиқ менамояд.

**Сатҳи таснифоти тахассусҳо** – ин сатҳи нишондоди мураккабии кори иҷрошаванда, мустақилият ва масъулиятнокии коргар, мувофиқ ба ҳар як сатҳ мебошад. Гузаштан аз як сатҳ ба сатҳи дигар маънии онро надорад, ки ҳамаи нишондодҳои сатҳи тахассусиро тавсифкунанда бояд фарқ кунанд: ҳар як сатҳи навбатӣ ба муносиби дараҷаи пешин мувофиқ кунонида мешавад ва воридкунии ниҳоии ҳамаи тавсифоти сатҳи пешинаро дар назар мегирад.

**СБТШ-08 (ISCO-08)** – Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо (International Standart Classification of Occupations) соли 2008 низоми таснифот ва ҷамъбасти маълумотро дар бораи шуғли касбӣ, ки дар асоси барӯйхатгирии оморӣ ва тадқиқот гирифта шудааст, ҳамчунин истифодабарии захираҳои маъмуриро ифода мекунад.

**Салоҳият** – қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат, малака ва муносибат барои иҷрои супориш ё ҳалли масъалаҳо дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳияти касбӣ** – қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат ва малакаҳо барои иҷрои вазифаҳои касбӣ дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ** – ин маҷмӯи дониш, малака, элементҳои таҷрибаи фарҳангӣ, ки ба шахс имкон медиҳанд дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ озодона мавқеи худро муайян кунад, элементҳои онро истифода барад ва муносибати онро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳад. Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ аз воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) ва малакаҳои бокортаъминкунӣ иборат мебошад.

**Салоҳиятнокӣ** – соҳиб будан ба дониш, малакаву маҳорат ва муносибат, ки барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи муайян зарур аст.

**Таҳлили функсионалӣ –** ин тавсифи фаъолияти меҳнатӣ тавассути амалкард (функсия) ва натиҷаҳо мебошад. Бартарии чунин муносибат дар он аст, ки он имкон медиҳад тағйирот дар технология ва ташкили меҳнат дар бозори меҳнат фавран ба назар гирифта шавад.

**Талаботи бозори меҳнат** – эҳтиёҷоти корфармоён ба қувваи корӣ аз рӯи гурӯҳҳои мушаххаси касб ва намудҳои машғулият.

**Тахассус** (квалификатсия) – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Таснифоти миллии тахассусҳо (ТМТ)** – ҳуҷҷати меъёрие, ки чаҳорчӯбаҳоро муайян ва ҳамаи ихтисосҳои дар сатҳи миллӣ эътирофшударо идора менамояд. Таснифоти миллии тахассусҳо дорои чаҳорчӯбаҳое мебошад, ки аз якчанд сатҳ иборат буда, ҳар яки онҳо дар нишондиҳандаҳо (дискрипторҳо)-и салоҳиятҳо, ки алоқаҳои тахассусии байнибахширо дар бар мегиранд, тасвиф карда шуда, ҳамчунин додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи соҳиб шудан ба ихтисос дар он роҳандозӣ карда мешавад.

**Таълим дар асоси салоҳият** – муносибат ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш, ки ба чӣ тавр дар ҷойи кор шахс корро иҷро карда метавонад, такя мекунад.

**Харитаи функсионалии касб** – ин инъикоси амалкард (функсия)-ҳои асосӣ, ки касби мазкурро ташкил медиҳанд, вазифаҳои ба ин амалкард (функсия)-ҳо дохилгардида ва амалҳои воқеӣ барои иҷро намудани супориш ва ҳалли масъалаҳо дар ҷойи кор, дар шароитҳои тағйирёбанда равона карда шудаанд.

## Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани самаранокии амалиёти сохтори ТИКТО ҶТ, таъсиррасонии он ба болоравии иқтисодии давлат, яъне алоқа бо бозори меҳнат;

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, ноҳия барои рушди минтақаи худ;

– дар бахши таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

– омӯзгорон барои донистани он, ки чиро ба таълимгирандагон омӯзонанд;

– таълимгирандагон, барои донистани он, ки чӣ хел ва чиро меомӯзанд;

– маъмурияти муассисаҳои таълимӣ барои донистани он, ки оё сатҳи тайёрии омӯзгорон ва хатмкунандагон ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунад ё не;

– корфармоён, ки стандартҳои салоҳиятҳоро барои такмили тахассуси касбии кормандон истифода мекунанд, то ин ки ба кормандон дар самти мутобиқшавӣ ба малакаву маҳорат ва донишҳои тағйирёбанда ва

салоҳиятнокии онҳо бо сабаби дигаргуниҳои дар технологияи истеҳсолот бамиёномада тавсияҳо диҳанд;

– шаҳрвандони алоҳида, ки мехоҳанд маълумоти касбӣ гиранд ё сатҳи тахассусии касбии худро ба таври инфиродӣ такмил диҳанд;

– шаҳрвандоне, ки мустақилона таълим гирифтаанд ва мехоҳанд ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (сертификат ё шаҳодатнома) гиранд;

– оила, волидони таълимгирандагон, ки мехоҳанд фаҳманд, чиро ва чӣ хел фарзандони онҳо таълим мегиранд, пас аз хатми таълим онҳо ба чӣ кор машғул мешаванд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд ба ҷойи кории дигар гузаранд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд норасоиҳои худро дар дониш, малака, маҳорат ва муносибат, яъне салоҳиятҳои худ бартараф намоянд;

– шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкории худро васеъ кардан мехоҳанд;

– шаҳрвандоне, ки коргарони беҳтарин шудан мехоҳанд ва ғайра.

## Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа

Айни замон, барои соҳаи нақлиёт стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин қабул карда шудаанд ва амал мекунанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ аз 8 августи соли 2015, №1214;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор аз 13 феврали соли 2008, №879;

- Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели 2020, №1689;

- 03.080.10 СТ РТ СТБ 960-2002. Таъмир ва хизматрасонии техникии автомобилҳо. Талаботҳои умумии бехатарӣ;

- 03.220.20 СТ РТ 1087-2009. Воситаҳои нақлиёти автомобилӣ. Талаботҳои бехатарӣ ба ҳолати техникӣ;

- 43.040.40 СТ РТ ГОСТ Р 41.30-2008. Фармоишҳои якхела, ки барои тасдиқи расмии резинчарха (шина)-ҳо барои автомобилҳо ва ядакҳои онҳо дахл доранд;

- 43.040.40 СТ РТ ГОСТ Р 41.34-2008. Фармоишҳои якхела барои тасдиқи расмии воситаҳои нақлиётӣ нисбат ба пешгирӣ намудани хатари бавуҷудоии сӯхтор;

- 43.040.40 СТ РТ ГОСТ Р 41.42-2008. Фармоишҳои якхела барои тасдиқи расмии воситаҳои нақлиётӣ нисбат ба шинондани таҷҳизоти муҳофизати (бамперҳо)-и пеш ва қафо ва ғайра;

– 43.040.40СТ РТ ГОСТ Р 41.68-2008. Фармоишҳои якхела нисбат ба тасдиқи расмии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ вобаста ба ченкунии суръати ҳадди аксар (максималӣ).

## Тавзеҳоти умумии касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил»

Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бо таъмир ва хизматрасонии техникии автомобилҳо (мошинҳои сабукрав, боркаш, автобусҳо), дучархаҳо (мотоциклов) ва ғайра машғул мебошад. Ин мутахассис бо сохти ҳамагуна автомобилҳо шинос буда, метавонад аз рӯйи нишонаҳои гуногун сабабҳои носозиҳоро дар автомобил ошкор созад, шикастагиҳоро пешгирӣ ва бартараф намояд.

Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил натанҳо асбобҳои челонгариро ба кор мебарад, балки дастгоҳи ташхискунандаро низ хуб истифода бурда метавонад. Вай бо қоидаҳои таҷзия ва васлкунии қисматҳои агрегати автомобил хуб шинос мебошад. Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил ҳамчунин бо хизматрасонии техникии автомобил машғул аст. Вай танзимкунӣ (ҷӯрсозии) механизмҳо ва ё иваз кардани қисмҳои корношоями механикиро иҷро мекунад.

Ба уҳдадориҳои вай танзимкунии ӯбада – баробаршавӣ (развал – схождение), корҳои шиномонтажкунӣ ва мувозикунии чархҳо дохил мегарданд.

Челонгарон ва таъмиргарони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ муҳаррикро таъмир месозанд, хизматрасонӣ ва насб мекунанд. Онҳо ҳамчунин дастгоҳои механикӣ ва вобастаи автомошинаҳои сабукрав, боркаш, дучарха ва дигар воситаҳои нақлиётиро таъмир ва насб мекунанд.

Ба вазифаҳо дохил мегарданд:

(а) мушоҳидакунӣ ва ташхиси носозиҳои муҳаррик ва ҷузъҳо;

(б) насбкунӣ, санҷиш, озмоиш ва хизматрасонии муҳаррикони воситаҳои нақлиётӣ ва дучархаҳо;

(с) ивази қисматҳои муҳаррик ва ё муҳаррикҳои пурра;

(г) васл, санҷиш, танзим, таҷзия, барқароркунӣ ва ивази қисматҳои носоз (корношоями) воситаҳои нақлиётӣ;

(е) насбкунӣ ва ё танзимкунии муҳаррикон ва боздоштҳо, ҳамчунин танзимкунии чанбараки идоракунӣ ва дигар қисматҳои воситаҳои нақлиётӣ;

(е) насбкунӣ, танзимсозӣ, хизматрасонӣ ва ивази қисматҳои мехатроникии автомобилҳо;

(g) иҷро кардани хизматрасонии техникии нақшавӣ, ба монанди ивази равған, равғанмолӣ, ҷӯрсозии муҳаррик бо мақсади таъмин намудани кори муназзами воситаҳои нақлиётӣ ва таъмини риояи меъёрҳо оид ба нигоҳдории муҳити зист;

(h) насб кардани муҳаррикон ва қисматҳои онҳо баъди таъмир.

**Рӯйхати умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил»**

<table>
<tr><th>Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон</th><th>Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо</th><th>Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо</th></tr>
<tr><td rowspan="20">2</td><td colspan="2">Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ)</td></tr>
<tr><td>ТС-01-1/01</td><td>Гузаштан аз муоинаи тиббӣ</td></tr>
<tr><td>ТС 03-1/01</td><td>Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/ фармоишгарон</td></tr>
<tr><td>ТС 04-2/01</td><td>Расонидани ёрии аввалия</td></tr>
<tr><td>ТС 05-2/01</td><td>Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ)</td></tr>
<tr><td>ТВ 01-1/01</td><td>Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ</td></tr>
<tr><td>ТВ 02-2/01</td><td>Муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ</td></tr>
<tr><td>ТВ 04-1/01</td><td>Иҷро кардани корҳои челонгарӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-01-2/01</td><td>Ҷудо карда гирифтани полояи ҳавоӣ (воздушный фильтр)</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-02-2/01</td><td>Иваз кардани равғанҳои молидании автомобил</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-03-2/01</td><td>Бартараф кардани нуқсон дар насоси обии муҳаррик</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-04-2/01</td><td>Иваз намудани амортизаторҳои равғанӣ ва газӣ</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-05-2/01</td><td>Иваз кардани ғӯлла (втулка)-ҳои резинии танзимкунанда (стабилизатор)</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-06-2/01</td><td>Иваз намудани найчаҳои обгузаронии радиатор</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-07-2/01</td><td>Иваз намудани қурси (диск)-и такякунанда дар системаи боздошт</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-08-2/01</td><td>Иваз кардани қосидакҳои (датчик)-ҳои системаи боздорӣ (ABS)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ)</td></tr>
<tr><td>ТС 06-3/01</td><td>Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ</td></tr>
<tr><td rowspan="11">3</td><td>ТС 07-3/01</td><td>Такмил додани тахассуси касбӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-09-3/01</td><td>Бартараф намудани ҳолатҳои худбоздошт дар системаи боздорӣ</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-10-3/01</td><td>Бартараф намудани носозиҳои қутии интиқол</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-11-3/01</td><td>Ҷудо кардани қисмҳо дар механизми бозуи шатунӣ (КШМ)</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-12-3/01</td><td>Бартараф намудани нуқсонҳои чанбараки идоракунӣ</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-13-3/01</td><td>Таъмир намудани қисмҳои баранда</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-14-3/01</td><td>Таъмир намудани қӯттии интиқоли ҳаракат</td></tr>
<tr><td>ТI 7231-15-3/01</td><td>Таъмир намудани системаи сардкунӣ</td></tr>
</table>

Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Нақлиёт**
Касб: **Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил**
Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **TI 7231**
Миқдори воҳидҳои салоҳият: **15**
Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2**
Тафсир: **01/соли 2024**

САЛОҲИЯТ
ТРЕНИНГ
МАҲОРАТ
ДОНИШ
РУШД
МАЛАКА
ОМӮЗИШ
ТАҶРИБА

## Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|
| Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) | |
| TC-01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| TC 03-1/01 | Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/ фармоишгарон |
| TC 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| TC 05-2/01 | Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| TB 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| TB 02-2/01 | Муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| TB 04-1/01 | Иҷро кардани корҳои челонгарӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| TI 7231-01-2/01 | Ҷудо карда гирифтани полояи ҳавоӣ (воздушный фильтр) |
| TI 7231-02-2/01 | Иваз кардани равғанҳои молидании автомобил |
| TI 7231-03-2/01 | Бартараф кардани нуқсон дар насоси обии муҳаррик |
| TI 7231-04-2/01 | Иваз намудани амортизаторҳои равғанӣ ва газӣ |
| TI 7231-05-2/01 | Иваз кардани ғӯлла (втулка)-ҳои резинии танзимкунанда (стабилизатор) |
| TI 7231-06-2/01 | Иваз намудани найчаҳои обгузаронии радиатор |
| TI 7231-07-2/01 | Иваз намудани қурси (диск)-и такякунанда дар системаи боздошт |
| TI 7231-08-2/01 | Иваз кардани қосидакҳои (датчик)-ҳои системаи боздорӣ (ABS) |

## Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Малакаҳои бокортаъминкунӣ | Малакаҳое, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд |
|---|---|
| Муоширате, ки ба самаранок ва мутаносиб будани муносибатҳоро байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | -шунидан ва дарк кардан;<br>-бурро ва кушоду равшан баён намудан;<br>-меҳрубон будан;<br>-суботкор будан;<br>-мубодилаи иттилоот кардан;<br>-бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ муошират кардан. |
| Кор дар даста, ки ба муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | -дар дастаҳои синну соли гуногун, новобаста аз ҷинс, нажод ва мансубияти динӣ кор кардан;<br>-мустақилона ва ба сифати аъзои даста кор кардан;<br>-дақиқӣ;<br>-масъулнокӣ;<br>-меҳнатдӯстӣ;<br>-сарфакорӣ;<br>-донистани Кодекси меҳнат. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба | -зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ дар ошкор ва бартараф кардани мушкилот; |

| | |
|---|---|
| даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | -дурандешӣ;<br>-бовиҷдонӣ;<br>-маҳорати расонидани ёрии аввалия. |
| Ташаббус ва уҳдабарой, ки барои бадастоварии натиҷаҳои инноватсионӣ мусоидат менамояд | -мутобиқшавӣ ба вазъиятҳои нав;<br>-муайян кардани имкониятҳои барои дигарон ғайричашмдошт;<br>-татбиқ кардани ғояҳо ба амал;<br>-иштирок дар раванди ташаккулёбии пайваста;<br>-омодагӣ ба навовварҳо;<br>-зиракӣ. |
| Банақшагирӣ ва ташкили фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | -мақсадгузории мушаххас ва натиҷаҳои кор;<br>-банақшагирии кор ва истифодаи захираҳо, аз ҷумла идоракунии вақт;<br>-муайян ва ҷобаҷокунии афзалиятҳо;<br>-ҳамоҳангсозии вазифаҳо барои худ ва дигарон;<br>-бодиққатӣ;<br>-муташаккилӣ;<br>-қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот/корхона. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣ ва рушди кормандон мусоидат менамояд | -мавҷудияти диди шахсӣ ва мақсадҳо;<br>-боварӣ ба ғояҳо ва диди шахсӣ;<br>-устувории ахлоқӣ;<br>-масъулиятнокӣ<br>-риояи одоб (этика) ва зебошиносӣ (эстетика). |
| Омӯзише, ки ба мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мусоидат менамояд | -эътирофи зарурияти таълим бо назардошти тағйиротҳо;<br>-омода будан ба сарфи вақт ва саъю кӯшиш ба омӯхтани малакаҳои нав;<br>-хоҳиши таълим дар ҷойи кор ва бидуни он;<br>-самимият барои ғояҳо ва усулҳои нави идоракунии худомӯзӣ;<br>-дастгирии ҳамкорон ва барқарор кардани робитаҳо;<br>-истифодаи таълим ба масъалаҳои «техникӣ» (масалан, омӯзиши маҳсулот) ва «мушкилоти одамон» (масалан, ҷанбаҳои байнишахсиятӣ ва фарҳангии кор) |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳо мусоидат менамояд | -донистани малакаҳои заминавии технологияи иттилоотӣ;<br>-хоҳиши аз худ кардани малакаҳои нави технологияи иттилоотӣ;<br>-мавҷудияти тавоноии ҷисмонии мувофиқ. |

# Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Гузаштан аз муоинаи тиббӣ** | **ТС 01-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омодагӣ ва гузаштан аз муоинаи тиббиро бо мақсади таъмин намудани саломатӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, ошкор ва табобати саривақтии беморӣ ва пешгирӣ аз онро тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми ба кор қабул шудан;<br>- гузаштани муоинаи тиббии нақшавӣ ва ғайринақшавӣ тибқи ҷадвали ташкилот. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- маҳорати баён кардани мақсади худ;<br>- маҳорати гӯш кардан ва шунидан;<br>- маҳорати таҳлили тавсияҳои хаттӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ.<br>1.2. Шиносоӣ бо ***намудҳои муоинаи тиббӣ*** тибқи ҷадвали тасдиқшуда. |
| 2. Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда.<br>2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани беҳдошт (гигиена)-и шахсӣ;<br>- гирифтани маълумот оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ;<br>- гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда;<br>- пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |
| Донишҳои талабшаванда: | - муқаррарот оид ба қонунгузории меҳнат;<br>- маълумотнома/ дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) ва вазифаи он;<br>- қоидаҳои гузаштан аз муоинаи тиббӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- боинтизом;<br>- бомасъул;<br>- бовиҷдон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Шиносоӣ бо намудҳои муоинаи тиббӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот | | | | | | | | | | | √ |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Намудҳои муоинаи тиббӣ:*** | - муқаддимавӣ;<br>- ҳатмӣ;<br>- даврӣ;<br>- ғайринавбатӣ. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон** | **ТС 03-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур корҳои умумии мақсадноки даста, ки вазифаи умумиро бо қоидаҳои муқаррарнамудаи ташкилот ҳал мекунад, тавсиф менамояд. Коргарон дар комёбиҳои даста манфиати шахсӣ доранд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми кор дар коллективи ҳар ташкилот/корхона. | |
| - Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- вуҷуд надоранд. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ)-и ВС |
|---|---|
| 1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон.<br>1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар муҳлати таъиншуда.<br>1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда. |
| 2. Кор кардан дар даста | 2.1.Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза.<br>2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дардаста.<br>2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста.<br>2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста. |
| 3. Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | 3.1. Муошират намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила.<br>3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ.<br>3.3. Истифода бурдани ***муошироти ғайришифоҳии*** мувофиқ.<br>3.4. Таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ.<br>3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан.<br>3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян.<br>3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - муошират, алоқаманд ба шунидан (гӯшдиҳӣ);<br>- савол додан;<br>-муошироти хаттӣ, возеҳ ва кӯтоҳ навиштани паём, қайдҳо, мактубҳо;<br>- ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан;<br>- ошкор ва воқиф шудан ба вазъияти мунокишавӣ, шикоятҳо дар доираи масъулият;<br>- дар даста кор кардан;<br>- гӯш додан ва шунавидан;<br>- малакаҳои заминавии босаводона хондан;<br>- малакаҳои худидоракунӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон;<br>- бартариҳои кор дар даста;<br>- воситаҳои робитавӣ;<br>- принсипҳои кори даста;<br>- тавсифот, усул ва меъёрҳои истифодаи воситаҳои гуногуни муошират;<br>- намудҳои қабул ва қоидаҳои рафтор дар онҳо;<br>- мафҳуми этика ва ахлоқ;<br>- одоби сӯҳбат ва маданияти нутқ;<br>- симои зоҳирӣ; |

| | |
|---|---|
| | - ҳусни рафтори расмӣ ва сиёсӣ;<br>- тарзи рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҷойи кор;<br>- одоби сӯҳбатҳои телефонӣ бо мизоҷон ва ҳамкорон;<br>- калима, ибора ва услуби сӯҳбати телефонӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | - ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан.<br>Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- меҳрубон;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии махсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон | | | | | | | | | | | √ |
| 1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар мухлати таъиншуда | | | | | | | | | | | √ |
| 1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 2. Кор кардан дар даста | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дар даста | | | | | | | | | | | √ |
| 2.3. Ҳангоми зарурат | | | | | | | | | | | √ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | |
| 2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 3: Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Муоширатнамудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила | √ | | | | | | | | | | |
| 3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.3. Истифода бурдани муошırати ғайришифоҳии мувофиқ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.4. Изҳори таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан | √ | | | | | | | | | | |
| 3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян | √ | | | | | | | | | | |
| 3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ | √ | | | | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Фарқиятҳои фарҳангӣ:*** | - намудҳои саломдиҳӣ, хайрбод ва гуфтугӯ;<br>- забони имову ишораҳо;<br>- махсусияти услубҳои миллии муомилаи корӣ;<br>- махсусияти муносибати байнифарҳангӣ. |
| ***Муошırати ғайришифоҳӣ:*** | - забони имову ишора;<br>- риоя кардани фосилаи муайян байни шарикон. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Расонидани ёрии аввалия** | **ТС 04 – 2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур малака ва донишҳои заруриро барои расонидани ёрии аввалия ва нигаҳдории ҳаёт дар давраи то расонидани ёрии тиббӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми арзёбии ҳолатҳои руҳдода, бартараф кардани таваккалҳои мушаххас, хавф ва захмҳои ба он алоқаманд. | |

| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 03 – 1/01 Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон. | |
|---|---|
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Арзёбии ҳолати рухдода | 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон.<br>1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида.<br>1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ.<br>1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан.<br>1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида.<br>1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан. |
| 2. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра).<br>2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда.<br>2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида. |
| 3. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ.<br>3.2. Истифодаи фишороварии мустақим ба ҷароҳат. |
| 4. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст.<br>4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст.<br>4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан. |
| 5. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | 5.1. Додани нафаси сунъӣ.<br>5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина. |
| 6. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | 6.1. Истифода бурдани усули Геймлих.<br>6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас баромадани монеа. |
| 7. Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар.<br>7.2. Коркарди ҷойи сӯхта. |
| 8. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ.<br>8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ). |
| 9. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмуҳра | 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмуҳра.<br>9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ. |
| 10. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил.<br>10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб.<br>10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| 11. Иттилоъ додан ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ | 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида.<br>11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- муайян намудани хатарҳои барқӣ; |

| | |
|---|---|
| | - бартараф намудани хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- истифода намудани дастурамалҳо оид ба истифодабарии асбобу таҷҳизоти барқӣ;<br>- арзёбии вазъият ва кам кардани хунравӣ;<br>- ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм ва арзёбии ҳолати ҷабрдида;<br>- даъват намудани ёрии таъҷилӣ;<br>- иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда;<br>- оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан;<br>- истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида;<br>- бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан;<br>- истифода намудани тахтача/чӯбча барои мустаҳкам кардани шикаст;<br>- додани нафаси сунъӣ;<br>- масҳ кардани дил ва қафаси сина;<br>- хондан, фаҳмидани дастурамал ва истифода бурдани он;<br>- истифодаи воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- хатарҳои барқии ҳангоми кор рухдода;<br>- қоидаҳои бартарафкунии хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида;<br>- дастури Ҳилоли Аҳмар оид ба принсипҳои расонидани ёрии аввалия;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ ва нафасгиршавӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна ва осеб дидани сутунмухра;<br>- монеашавии роҳҳои нафасгирӣ/нафастангӣ;<br>- сӯхтан (ҳароратӣ, кимиёвӣ, барқӣ, соишхӯрӣ);<br>- қоида ва тартиби додани нафаси сунъӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- мушфиқ;<br>- раҳмдил. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Арзёбии ҳолати рухдода | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида | | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан | | | | | | | | | √ | | |
| 1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| 1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 2:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра) | | | | | | | | | √ | | |
| 2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда | | | | | | | | | √ | | |
| 2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 3:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҳангоми таъмир намудани қуттии интиқоли автомобил;<br>- маълумоти техникӣ оид ба қуттии интиқоли автомобил;<br>- сохт ва хизматрасонии автомобил;<br>- намудҳои қуттии интиқоли автомобилҳо ва тартиби кори онҳо;<br>- тартиби истифодаи меъёрии ҳуҷҷатҳои техникӣ;<br>- маълумот оид ба корношоям гардидани қуттии интиқоли ҳаракат;<br>- асосҳои маводшиносӣ;<br>- тартиби истифодабарии автомобил;<br>- технологияи компютерӣ дар ташхиси автомобил;<br>- хизматрасонии техникӣ ва таъмири қуттии интиқоли |

| | |
|---|---|
| | автомобил;<br>- асосҳои ҳуқуқии ҳаракат дар роҳ;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Бояд чунин буд:<br>- бодиққат;<br>- озодакор;<br>- масъул;<br>- ташаббускор;<br>- ташкилотчӣ;<br>- эҳтиёткор;<br>эҷодкор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Иҷро намудани корҳои омодагӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Пушидани либосҳои махсус | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Омода намудани асбобҳои корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Таъмин намудани бехатарии ҷойи кор | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Санҷидани ҳолати таҷҳизоти бардоранда (подёмник) ва бардоштани автомобил бо истифода аз он | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Таъмир намудани қӯттии интиқоли ҳаракат | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Иваз намудани шоха (кашак)-и ҳаракатовар | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Таъмир намудани чархҳои дандонадори пеш ва қафо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Иҷро кардани корҳои равғанмолӣ ва насбкунии қисмҳои ивазшаванда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Санҷидани | √ | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| коршоямии қӯттии интиқоли ҳаракат | | | | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)
Дар воҳиди салоҳияти мазкур навсонӣ (вариативӣ) вуҷуд надорад.

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Таъмир намудани системаи сардкунӣ** | **TI 7231-15-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди иҷрои корҳои омодагӣ ҷиҳати гузаронидани таъмири системаи сардкунӣ ва санҷидани гардиши обро дар системаи сардкунии муҳаррик тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми таъмири системаи сардкунӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ): | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Иҷро намудани корҳои омодагӣ | 1.1. Пушидани либосҳои махсус.<br>1.2. Омода намудани асбобҳои корӣ.<br>1.3. Таъмин намудани бехатарии ҷойи кор.<br>1.4. Холӣ кардани моеъи сардкунанда дар зарфи махсус. |
| 2. Таъмир намудани системаи сардкунӣ | 2.1. Иваз намудани қосидак (асосак, датчик).<br>2.2. Иваз намудани асбоби гарминигоҳдоранда (термостат).<br>2.3. Иваз намудани насоси системаи сардкунӣ (помпа). |
| 3. Ба анҷом расонидани раванди кор | 3.1. Пур кардани радиатор бо моеъи сардкунанда/антифриз.<br>3.2. Санҷидани гардиши об дар системаи сардкунии муҳаррик.<br>3.3. Санҷидани фишори об дар панели нишондодҳои электронӣ.<br>3.4. Ҷобаҷо намудани асбобу таҷҳизоти корӣ.<br>3.5. Тоза кардани ҷойи корӣ ва тартиб додани санади иҷрои корҳои таъмирӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҳангоми гузаронидани санҷиш ва хизматрасониҳои техникӣ;<br>- омода намудани асбобу таҷҳизот барои таъмир;<br>- омода намудани асбобу таҷҳизот барои санҷиши қисмҳои сардкунандаи муҳаррики автомобил;<br>- танзим намудани чароғҳои равшанидиҳандаи автомобил дар стенди санҷишӣ;<br>- омода намудани автомобил барои гузаронидани ташхис;<br>- муайян намудани меъёри моеъи сардкунандаи муҳаррик;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ дар ҷойи кор;<br>- истифода намудани асбобу таҷҳизот барои санҷиши автомобил;<br>- интихоб намудани асбобу таҷҳизот барои иҷрои корҳои санҷишии ҳавоногузарии байни қисмҳои системаи сардкунандаи автомобил;<br>- санҷидани ҳолати кории радиатор ва зарфи захиравии нигоҳдорандаи моеъ;<br>- санҷидани ҳолати кории сенсорҳои ҳароратии системаи |

| | |
|---|---|
| | хунуккунӣ;<br>- гузаронидани санҷиш бо истифодаи асбобу таҷҳизоти таъмирӣ;<br>- муайян намудани ҳаҷми корҳои санҷишӣ;<br>- истифода намудани дастурҳо оид ба гузаронидани хизматрасонии техникии автомобилҳо. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҳангоми гузаронидани хизматрасонии техникии ҳаррӯза;<br>- қоидаҳои истифодаи асбобу таҷҳизотҳои санҷишӣ;<br>- меъёрҳои муайянкунии моеъи сардкунанда дар муҳаррики автомобил;<br>- тартиби омода намудани автомобил барои гузаронидани хизматрасонии техникии ҳаррӯза;<br>- асбобу таҷҳизот барои санҷиши автомобил;<br>- меъёрҳои кории радиатор ва зарфи захиравии нигоҳдорандаи моеъ;<br>- сохт ва хизматрасонии автомобил;<br>- намудҳои моеъи системаи сардкунандаи автомобил;<br>- тартиби санҷидани ҳолати кории ҳарорати гардиши сенсорҳои системаи хунуккунӣ;<br>- тартиби омодакунии ҷойи кор ҳангоми гузаронидани хизматрасонии техникии ҳаррӯза;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Бояд чунин буд:<br>- бодиққат;<br>- озодакор;<br>- эҳтиёткор;<br>- ташаббускор;<br>- масъул;<br>- эҷодкор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Иҷро намудани корҳои омодагӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Пушидани либосҳои махсус | | √ | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Омода намудани асбобҳои корӣ | | √ | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Таъмин намудани | | √ | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| бехатарии ҷойи кор | | | | | | | | | | | |
| 1.4. Холӣ кардани моеъи сардкунанда дар зарфи махсус | | √ | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Таъмир намудани системаи сардкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Иваз намудани қосидак (асосак, датчик) | | √ | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Иваз намудани асбоби гарминигоҳдоранда (термостат) | | √ | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Иваз намудани қабатаки сараки устувона (кардан) силиндр | | √ | | √ | | | | | | | |
| Элементи 3: Ба анҷом расонидани раванди кор | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Пур кардани радиатор бо моеъи сардкунанда/антифриз | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Санҷидани гардиши об дар системаи сардкунии муҳаррик | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Санҷидани фишори об дар панели нишондодҳои электронӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.4. Ҷобаҷо намудани асбобу таҷҳизоти корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.5. Тоза кардани ҷойи корӣ ва тартиб додани санади иҷрои корҳои таъмирӣ | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)
Дар воҳиди салоҳияти мазкур навсонӣ (вариативӣ) вуҷуд надорад.

## Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ

### Ҳифзи меҳнат

Риоя намудани ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ қисми асосии уҳдадории челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил мебошад. На танҳо қонунҳо ва қоидаҳои умумӣ барои ҳамаи шаҳрвандон, инчунин ҳуҷҷатҳои қонунгузор ва қоидаҳои соҳа, ташкилот, ҷойи корӣ низ риоя карда мешаванд.

Ҳифзи меҳнат-системаи нигаҳдории ҳаёт ва саломатии кормандон дар раванди фаъолияти меҳнатӣ, аз он ҷумла ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-техникӣ, санитарӣ-гигиенӣ, табобатӣ-пешгирикунӣ ва дигар чорабиниҳоро дар бар мегирад.

### Талаботи умумии бехатарӣ

Ба кори челонгарӣ мардон/занони на камтар аз 18 сол, ки тайёрии махсусро гузаштаанд, роҳ дода мешаванд.

Пеш аз гирифтани иҷозат ба кори мустақил бояд, муоинаи тиббии ҳатмии қаблӣ (ҳангоми дохилшавӣ ба кор) ва такрориро (дар рафти фаъолияти меҳнатӣ) барои муносиб донистани онҳо барои иҷрои кор, гузаранд.

Ҳамаи челонгарони ба кор қабул кардашуда, бо фармони роҳбари ширкат ба таъмири муҳаррики автомобил вобаста карда мешаванд.

Бо мақсади муҳофизат аз таъсирҳои механикӣ ва ифлосшавӣ челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бояд, аз ҷиҳози ройгон пешниҳодкардаи кордиҳандагон таъмин бошад, аз ҷумла:

- либоси махсус (пахтагин ё матоҳои омехта);
- мӯзаҳои резинӣ ва пойафзоли чармӣ;
- дастпӯшакҳои пайваст ва дастпӯшакҳо бо рӯйпӯшҳои полимерӣ;
- камзулчаҳои сигналдиҳандаи (огоҳкунандаи) класси 2-юми муҳофизатӣ – истифода баранд.

Барои корҳои беруна зимистон илова дода мешаванд:

- либоси махсуси бо мағзии гармкунанда ё костюм барои муҳофизат аз ҳароратҳои паст бо матои омехташуда ё пашмин;
- валенкаҳо (мӯзаҳои намадӣ) бо таги резинӣ ва пойафзоли чармии гарм бо нӯгҳои сахт;
- дастпӯшакҳои ба сармо тобовар бо рӯйпӯшҳои муҳофизатӣ ва дарунмағзии пашмӣ;
- камзулчаҳои сигналдиҳандаи (огоҳкунандаи) класси 2-юми муҳофизатӣ.

Ҳангоми дар майдончаи истеҳсолӣ, дар биноҳои истеҳсолӣ ва маишӣ, дар минтақаҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ будани челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бояд, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатиро, ки ташкилоти мазкур қабул кардааст, иҷро намоянд. Иҷозаи шахсони бегона, инчунин кормандони дар ҳолати мастӣ дар ҷойи зикршуда маън карда мешавад.

Дар раванди фаъолияти ҳаррӯза челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бояд:

- мошин ва механизмҳоро тибқи таинот, мувофиқ ба дастурҳои заводи истеҳсолкунанда истифода баранд;

– танҳо ҳамон кореро иҷро намоянд, ки аз ҷониби роҳбар супориш дода шудааст;

– нигоҳ доштани тартибот дар ҷойи кор, тоза кардани он аз поруб, чанг, барф, бардама, роҳ надодан ба вайронкунии қоидаҳои анборкунии масолеҳҳо ва конструксияҳо.

Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бояд, фавран ба роҳбари бевоситаи худ ё роҳбари болоистода оид ба ҳар як фалокат, ки дар вақти таъмир, инчунин оид ба бадшавии ҳолати саломатии худ, хабар диҳанд.

**Талаботи бехатарӣ пеш аз оғози кор**

Пеш аз оғози кор челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил уҳдадор мебошад:

– гирифтани супориш барои иҷрои кор;

– гузаштани дастур оид ба хусусияти корҳои дарпешистода ва муоинаи тиббии пеш аз оғози кор;

– пӯшидани либоси махсус ва пойафзоли махсуси намунаи муқарраршуда;

Пас аз гирифтани супориш челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил уҳдадор мебошад:

– санҷидани мавҷудияти дорудони тиббӣ, оташхомӯшкунакҳо ва маҷмӯи асбобҳо;

– бо мақсади таъмин намудани бехатарӣ дар ҷойи кор санҷидани асбобу таҷҳизоти корӣ, дастгоҳи борбардор ва ғайра;

– риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхтор ҳангоми кор бо масолеҳи сӯзишворӣ, равған, об, антифриз (дар вақти хунукии сол) ва моеи тормозӣ, электролити батарияи аккумуляторӣ;

– дар вақти пуркунии масолеҳи сӯзишворӣ-молиданиро, ки резонида шудаанд тоза кардан бо латтакӯҳна, рег ё аррамайда;

– санҷидани коршоямии асбобҳои рӯшанидиҳанда ва назоратӣ-ченкунанда.

**Талаботи бехатарӣ дар вақти кор**

Дар вақти иҷрои корҳо челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил уҳдадор мебошад:

– пеш аз ҳаракат намудани воситаи нақлиётӣ ба ақиб ба набудани одамон ва монеаҳо барои ҳаракат боварӣ ҳосил намояд. Ҳангоми маҳдуд будани доираи назар челонгар бояд ба кӯмаки сигналдиҳанда, ки берун аз воситаи нақлиётӣ мебошад муроҷиат намояд;

– ҳангоми баромадан аз кабинаи автомобил, муҳаррикро хомӯш кунад, тормози таваққуфӣ ва интиқоли якумро ба кор омода кунад, калидро аз қулфи афрӯзиш гирад, пас аз баромадан аз кабина дарҳоро қулф кунад.

Пеш аз пуркунии сӯзишворӣ ба автомобили газу баллонӣ ба набудани одамон дар кабина бовари ҳосил карда, муҳаррикро хомӯш намояд, роҳ надодан ба расидани газ ба минтақаҳои кушодаи пӯст (барои бартараф

намудани хунуксанӣ дар натиҷаи бухоршавии газ), пеш аз омодакунии афрӯзиш ва сардиҳии муҳаррик дар мӯҳлати 3 дақиқа капотро (сарпӯши муҳаррикро) то пурра тоза шудани газ, кушода нигоҳ доштан. Пеш аз он, ки автомобили газу баллониро ба таваққуфгоҳи пӯшида гузошта шавад ё ҳангоми хизматрасонии техникӣ, бояд ҷумаки балон қулф карда шавад ва ҳама газ аз системаи озуқа бароварда шавад.

Барои рехтани оби тафсон ҳангоми гармкунии муҳаррик бояд сатилҳои махсус бо ҷумак дар қисми боло ҷойгиршуда, ки фавраи самтдоштаро ҳосил мекунад, истифода шавад. Ҳангоми гармкунии муҳаррик бо воситаи буғ ё ҳавои тафсон шланг (рӯда) бояд бо даҳанаи радиатор васл карда шавад ва боэътимод мустаҳкам карда шавад.

Ҳангоми иҷро намудани корҳои таъмирӣ, челонгар бояд муҳаррикро хомӯш кунанд, автомобилро бо тормози таваққуфӣ нигоҳ доранд.

Ҳангоми боздоштан дар нишебӣ бояд дар зери чарххо на камтар аз ду тамбаи зидди ғелишхӯрӣ гузоранд.

Носозиҳои системаи озуқаро бояд танҳо пас аз хунукшавии муҳаррик бартараф намоянд.

Пеш аз боло намудани автомобил бо домкрат бояд мусофирон аз кабина дур карда шаванд, автомобилро бо тормози таваққуфӣ нигоҳ дошта, дар зери чарххо тамбаҳои зиддиғелишхӯрӣ гузошта шаванд, майдончаи зери домкрат ҳамвор карда шавад ва дар зери он тагмони васеъ аз чӯб гузошта шавад.

**Ба челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил маън карда мешавад:**

– идора намудани автомобил ҳангоми надоштани ҳуҷҷати ронандагӣ ва дар ҳолати мастӣ;

– нигоҳ доштани автомобили газу баллонӣ дар таваққуфгоҳи дарозмуддат бо ҷумакҳои кушодаи баллонҳо ва системаи озуқа;

– истифода бурдани камераҳо (камераи чарх) барои рехтани оби тафсон ҳангоми гармкунии муҳаррик;

– барои гармкунии муҳаррик истифода бурдани сархонаи газӣ, таҷҳизоти бо абзорҳои сигналдиҳанда таҷҳизонида нашуда, ки бо тарзи автоматӣ додани газро ҳангоми ихроҷи он ё хомӯшшавии сархона, қат мекунанд;

– ҳаракат намудан дар нишебии рост бо бандиши хомушкардашуда ё интиқол;

– истироҳат кардан ё хоб рафтан дар кабинаи автомобил бо муҳаррики коркарда истода;

– иҷозат додан ба шахсони бегона барои таъмири воситаи нақлиёт ва рондани он.

**Талаботи бехатарӣ пас аз анҷоми кор.**

Пас аз анҷоми кор челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил уҳдадор мебошад:

– барои таъмири таъмири муҳаррики автомобил бо номгӯи носозиҳо, ки бояд бартараф карда шаванд, дархост таҳия намоянд;

– муҳаррикро хомӯш намояд;

– ҳангоми нигоҳдорӣ бидуни гараж, дар вақти зимистон, обро аз радиатор ва муҳаррик рехта, фишанги тормози таваққуфиро кашад;

– кабинаро бо қулфҳо маҳкам кунад;

оид ба ҳама гуна носозиҳо, ки дар вақти корҳо ба вуҷуд омадаанд ба роҳбари кор ё шахси масъул оид ба нигоҳдории автомобил дар ҳолати коршоямӣ, хабар диҳад.

**Техникаи бехатарӣ**

Дастурдиҳиро оид ба техникаи бехатарӣ ба чанд намуд ҷудо мекунанд. Таснифоти дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ – ин марҳилаи муҳими фаъолияти ҳар як ширкат, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ- техникӣ маҳсуб меёбад. Дастурдиҳӣ аз рӯи мақсад, тавсифот, муҳлат, шахси мансабдор, инчунин, аз ваколатдоре, ки онро мегузаронад, ба намудҳо ҷудо мешавад. Ҳама масъалаҳои таъмини бехатарӣ дар истеҳсолот, мутахассиси дорои тахассуси муайян ҳал мекунад.

Дастурдиҳии муқаддимавиро оид ба техникаи бехатарӣ муҳандиси техникаи бехатарӣ ё мутахассиси дипломдор, шахсе, ки барои иҷрои ин гуна уҳдадорӣ тибқи фармон ваколатдор шудааст, мегузаронад. Ба дастурдиҳии муқаддимавӣ метавонанд кормандоне, ки барои бехатарии тиббӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор масъуланд, ҷалб карда шаванд.

Дастурдиҳии муқаддимавӣ оид ба техникаи бехатарӣ бо ҳамаи кормандони ба кор шурӯъ карда, новобаста аз собиқаи корӣ, синну сол, сатҳи таҳсилот, гузаронида мешавад. Он барои хонандагоне, ки таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мегузаранд, инчунин барои кормандони дар сафари хизматӣ қарор дошта ва коргарони муваққатӣ ҳатмӣ мебошад.

Дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ бояд маълумотро оид ба ҳама воситаҳои ҳимоявии аҳлона (коллективона) ва инфиродии дар корхона мавҷудбуда, инчунин тартиб додани пайдарҳамии онҳоро инъикос намояд. Ба дастурдиҳии мазкур масъалаҳои расонидани ёрии аввалия ба шахсони зарардида ҳангоми сӯхтор ё дигар ҳодисаҳои нохуш дарҷ мегарданд. Ин намуд дастурдиҳӣ ба кормандон дар ҳуҷраи техникаи бехатарӣ гузаронида мешавад ва истифодаи воситаҳои техникии омӯзиш ва воситаҳои аёнӣ дар назар дошта мешаванд.

Хусусияти дастурдиҳии аввалия аз он иборат аст, ки он на дар ҳуҷраи мутахассиси техникаи бехатарӣ, балки бевосита дар ҷойи корӣ гузаронида мешавад. Шахсоне, ки уҳдадоранд, ки онро бояд гузаранд:

– кормандони нав, аз ҷумла, мутахассисони Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)и кироя;

– кормандони дар ду ё якчанд ҷой коркунанда тариқи шартномаи муҳлатнок;

– кормандони дар сафари хизматӣ қарор дошта;

– хонандагон, ки дар таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ қарор доранд;

– дигар шахсони дар фаъолияти корхона иштироккунанда.

Дастурдиҳии такрорӣ на кам аз як маротиба дар ним сол гузаронида мешавад. Санаи гузаронидан дар дафтари дастурдиҳии техникаи бехатарӣ сабт карда мешавад

Ин чорабиниҳо дар доираи системаи ТИКТО аҳамияти махсус доранд. Масалан, пеш аз гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар муассисаҳои таълимӣ, омӯзгор дар ҳар як дарс алгоритми амалҳои хонандагонро такрор мекунад, саволҳои дар мавзӯи дастурдиҳӣ дахлдоштаро медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки хавфи ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои нохуш дар машғулиятҳои амалӣ паст гардад, омӯзгорро аз холатҳои нохуши аз ҷониби таълимгирандагон вайрон кардани тавсияҳои додашуда, эмин медорад.

### Дастурдиҳӣ ба таълимгирандагон

Вобаста ба тахассус, гузаронидани дастурдиҳии таълимгирандагон талаботи худро дорад. Мисол, омӯзгори таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ пеш аз ҳар машғулиятҳои амалӣ ба таълимгирандагон дастурдиҳии ҷориро оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ мегузаронад ва дар дафтар оид ба гузаронидани он қайд мекунад. Ба ғайр аз ин, намудҳои махсуси дастурдиҳӣ мавҷуд аст, ки пеш аз баромадан ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ гузаронида мешаванд. Ба шахсоне, ки аз дастурдиҳӣ, аз омӯзиш ва санҷиши дониш оид ба ҳифзи меҳнат нагузаштаанд, барои баромадан ба таҷрибаомӯзӣ иҷозат дода намешавад.

### Талабот ба довталабон

Хоҳишмандоне, ки мехоҳанд касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил»-ро омӯзанд ва салоҳияти сатҳи 3-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро азхуд кунанд, бояд ба талаботи умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

- маҳорати ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ муошират кардан;
- пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо мувофиқ ба талаботи муассисаи таълимӣ;
- ҳуҷҷат (сертификат) дар бораи аз худкунии салоҳияти 2-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гузаштан аз муоинаи тиббӣ.

### Талабот ба омӯзгорон

Омӯзгороне, ки сатҳи 3 - юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» меомӯзонанд, бояд ба талаботи умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

- донишҳои касбии дидактикӣ ва методологияи ТАС доштан;
- методикаи таълими салоҳиятҳоро доро будан;
- на кам аз 5 соли таҷрибаи корӣ доштан;
- ҷисмонӣ ва равонӣ солим будан;
- сатҳи тахассусии омӯзгор на бояд аз сатҳи 4-уми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон паст бошад;
- аз муоинаи тиббӣ гузаштан.

## Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ

Номгӯйи асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ барои таълими на зиёда аз 25 таълимгиранда (∞ - ҳангоми зарурат).

| **Асбобҳо** | Миқдор | **Таҷҳизот** | Миқдор | **Мавод/дигар лавозимот** | Миқдор |
|---|---|---|---|---|---|
| Калидҳои печмӯҳрагии бозшаванда | 1 даста | Дастгоҳи болобардор (подъёмник) | 2 адад | Сӯхторхомӯшкунак | ∞ |
| **Асбобҳои асосӣ** | | Мошини суфтакунӣ | 2 адад | Доруқуттӣ | ∞ |
| Манганаи гидравликӣ ва механикӣ | 1 даста | Домкрат (борбардор) | 2 адад | Моеъҳои техникӣ | ∞ |
| Маҷмӯи калидҳо ва асбобҳо | 1 даста | | | Маҳлулҳои химиявии шӯянда | ∞ |
| Равғанкунакҳо | 1 даста | | | Абзори бардоштани милдонҳо (съёмникҳо) | ∞ |
| Асбобҳо барои васлкунӣ ва банду басткунӣ | 1 даста | | | Штангенсиркул | ∞ |
| Борбардор ва такягоҳҳои зидди лағжиш | 1 даста | | | Сатил | ∞ |
| Калиди универсалӣ барои печмӯҳраҳои гупчак | 1 даста | | | Микрометр | ∞ |
| Аробача | 1 адад | | | Асбоби фосиласанҷ (щуп) | ∞ |
| Манометр | 1 адад | | | Мурваттобҳо | ∞ |
| Фишорченкунанда (Компресометр) | 1 адад | | | Печмеҳҳо | ∞ |
| Калиди андохташаванда | 1 адад | | | Калиди шашрӯя | |
| Анбӯри салибшакл | 5 адад | | | Либосҳои махсус | 25 адад |
| Исканҷа | 1 адад | | | Воситаҳои ҳимоявӣ | 25 адад |
| Тасмаи (лента) – и ойиқкунӣ | 5 адад | | | Сатил | 2 адад |
| Тахтасипар барои овезон кардани муҳаррики автомобил | 2 адад | | | Дастпӯшакҳо | 25 адад |
| Искана | 5 адад | **Таҷҳизоти таълимӣ** | | **Маводи таълимӣ** | |
| | | Проектор | 1 адад | Стандарти салоҳиятҳо | 5 адад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Флипчарт | 1 адад | Барномаи таълимии модулӣ | 5 адад |
| | | Тахта | 10 адад | Дастур | ∞ |
| | | Компютерҳо | 25 адад | Китобҳо | 25 адад |
| | | Экран | 1 адад | Видео (CD) | ∞ |
| | | Тахтаи электронӣ/ интерактивӣ | 1 адад | Айёният/лавҳаҳои таълимӣ | ∞ |

## Рӯйхати адабиёт:


1. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2 / А.С. Кузнецов. - М.: Academia, 2018. - 64 с.
2. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2 ч.Ч. 2: Учебник / А.С. Кузнецов. - М.: Академия, 2010. - 432 с.
3. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2ч Ч.1: Учебник / А.С. Кузнецов. - М.: Academia, 2016. - 240 с.
4. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2ч Ч.1: Учебник / А.С. Кузнецов. - М.: Academia, 2018. - 240 с.
5. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2 ч. Ч.2: Учебник / А.С. Кузнецов. - М.: Academia, 2018. - 158 с.
6. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2 ч. Ч 1: Учебник / А.С. Кузнецов. - М.: Academia, 2018. - 144 с.
7. Кузнецов, А.С. Плакаты: Устройство, ремонт и техническое обслуживание двигателей (16 плакатов) / А.С. Кузнецов. - М.: Academia, 2018. - 448 с.
8. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2 ч. Ч. 2.: Учебник / А.С. Кузнецов. - М.: Academia, 2018. - 132 с.
9. Кузнецов, А.С. Техническое обслуживание и ремонт автомобиля: В 2 ч.Ч. 1: Учебник / А.С. Кузнецов. - М.: Академия, 2016. - 320 с.
10. Финогенова, Т.Г. Эксплуатация, техническое обслуживание и ремонт автомобиля. Контрольные материалы: Учебное пособие / Т.Г. Финогенова. - М.: Academia, 2013. - 96 с.
11. Финогенова, Т.Г. Эксплуатация, техническое обслуживание и ремонт автомобиля: Контрольные материалы: Учебное пособие / Т.Г. Финогенова. - М.: Academia, 2017. - 257 с.
12. Финогенова, Т.Г. Эксплуатация, техническое обслуживание и ремонт автомобиля: Контрольные материалы: Учебное пособие для нач. проф. образования / Т.Г. Финогенова, В.П. Митронин. - М.: ИЦ Академия, 2010. - 80 с.
13. Финогенова, Т.Г. Эксплуатация, техническое обслуживание и ремонт автомобиля: Контрольные материалы: Учебное пособие / Т.Г. Финогенова. - М.: Академия, 2013. - 272 с.

Funded by
the European Union

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ХАРИТАИ ФУНКСИОНАЛӢ

Соҳа: **Нақлиёт**

Касб: **Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **TI 7231**

**Замимаи 1**

## Харитаи функсионалии касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил»

| УҲДАДОРИҲО | | ВАЗИФАҲО | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| A | **Такмил додани малакаҳои бокортаъминкунӣ** | **А-1.** Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/ фармоишгарон | **А-2.** Такмил додани тахассуси касбӣ | **А-3.** Истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ | **А-4.** Муоширaт кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ | **А-5.** Муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи миёна |
| | | **А-6.** Ҳал намудани ваъиятҳои мунокишавӣ | | | | |
| B | **Риоя кардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ** | **В-1.** Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | **В-2.** Пӯшидани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ | **В-3.** Гузаштан аз дастурдиҳии техникаи бехатарӣ | **В-4.** Риоя намудани қоидаҳои техникаи бехтарӣ | **В-5.** Риоя намудани қоидаҳои зидди сӯхтор |
| | | **В-6.** Расонидани ёрии аввалияи тиббӣ | | | | |
| C | **Таъмир намудани қисми вайроншудаи муҳаррики автомобил** | **С-1.** Муайян намудани ҳаҷми кор ва ҳаққи хизматрасонӣ | **С-2.** Муайян кардани нуқсонҳои муҳаррик | **С-3.** Полода гирифтани моеъҳо аз муҳаррик | **С-4.** Кушода гирифтани поршен ва шатунҳо | **С-5.** Кушода гирифтани (картер) зерзерф аз бадана |
| | | **С-6.** Кушода гирифтани бадана (блок) аз автомобил | **С-7.** Ҷудо карда гирифтани сарпӯши клапанҳо | **С-8.** Гирифтани бадана аз қӯттии интиқоли ҳаракат | **С-9.** Кушода гирифтани наварди газтақсимкунак | **С-10.** Ҷудо карда гирифтани сараки силиндр аз бадана |
| | | **С-11.** Ҷудо карда гирифтани полоякҳои ҳавоӣ (воздушныйй филтр) | **С-12.** Ҷудо карда гирифтани нокилҳои баркӣ аз баданаи муҳаррик | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **D** | **Таъмир намудани системаи боздорӣ** | **D-1.** Санҷидани сатҳи равған дар системаи боздорӣ | **D-2.** Пӯр кардани равған дар система | **D-3.** Бартараф намудани ҳолатҳои худбоздошт дар системаи боздорӣ | **D-4.** Баровардани ҳаво аз системаи боздорӣ | **D-5.** Иваз намудани пардаи ҳоҷиз (диафрагма) дар системаи боздошт |
| | | **D-6.** Иваз намудани чаббаҳои резинӣ дар система | **D-7.** Иваз намудани найчаҳои равғангузаронӣ дар системаи боздорӣ | **D-8.** Иваз кардани қосидакҳои (датчик) – ҳои системаи боздорӣ (АВС) | **D-9.** Иваз намудани курси (диск) –и такякунанда дар системаи боздошт | **D-10.** Санҷидани системаи боздорӣ |
| **E** | **Таъмир намудани қуттии интиқоли ҳаракат** | **E-1.** Муайян кардани нуқсон дар қуттии интиқол | **E-2.** Ҷудо намудани қуттии интиқол аз муҳаррик | **E-3.** Танзим намудани (чӯрсозии) фишанги (кулиси) қуттии интиқол | **E-4.** Иваз намудани шохаи ҳаракатовар | **E-5.** Иҷро кардани корҳои равғанмолӣ ва насбкунии қисмҳои ивазшаванда |
| | | **E-6.** Таъмир намудани чархҳои дандонадори пеш ва қафо | **E-7.** Иваз намудани полояки қуттии интиқол (автоматика) | **E-8.** Иваз кардани равғани қуттии интиқол | **E-9.** Насб кардани қуттии интиқол ба муҳаррик | **E-10.** Санҷидани кори қуттии интиқол |
| **F** | **Таъмир намудани қисмҳои баранда** | **F-1.** Иваз кардани ғӯллаҳо (втулка) – ҳои резини танзимкунанда (стабилизатор) | **F-2.** Иваз намудани милдонҳои пошхӯрда | **F-3.** Бартараф намудани нуқсонҳои чанбараки идоракунӣ | **F-4.** Иваз намудани гранатаи вайроншуда | **F-5.** Иваз намудани чаъбаҳои фарсудашуда дар тири чанбарак |
| | | **F-6.** Бартараф намудани нуқсонҳои милдонҳои лағжиши гардунаҳо | **F-7.** Иваз намудани аморзитаторҳои равғанӣ ва газӣ | **F-8.** Иваз намудани шаровойҳои нуқсондошта (люфт) | **F-9.** Иваз намудани салниблокҳои фарсуда | **F-10.** Санҷидани кори қисмҳои баранда |
| **G** | **Таъмир намудани системаи сардкунӣ** | **G-1.** Бартараф кардани нуқсон дар насоси обии муҳаррик | **G-2.** Иваз намудани асбоби гарминигоҳдоранда (термостат) | **G-3.** Иваз намудани қосидак (асосак, датчик) | **G-4.** Иваз намудани найчаҳои обгузаронии радиатор | **G-5.** Тоза намудани найчаҳои обгузаронӣ аз ифлосиҳо |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **G-6.**<br>Иваз намудани қабатаки сараки устувона (кардан) силиндр | **G-7.**<br>Санчидани гардиши об дар системаи сардкунии муҳаррик | **G-8.**<br>Васл кардани насоси обии муҳаррик | | |

| | |
|---|---|
| | Сатҳи 2 - 26 |
| | Сатҳи 3 - 36 |
| **Ҳамагӣ: 62 вазифа** | |

| Талаботи умумӣ ба касби «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» | |
|---|---|
| **Сифатҳои касбӣ/салоҳиятнокӣ** | **Дониш, малака ва маҳорати умумӣ** |
| 1. Хушмуомила<br>2. Меҳнатдӯст<br>3. Мушоҳидакор<br>4. Тоқатпазир<br>5. Бомасъулият<br>6. Покизакор<br>7. Боэҳтиёт<br>8. Ростқавл<br>9. Сарфакор<br>10. Дурандеш<br>11. Бодиққат<br>12. Устувории ахлоқӣ<br>13. Ба бемориҳои аллергӣ устувор<br>14. Поквиҷдон<br>15. Боинсоф<br>16. Суботкор | 1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>2. Сохт ва хизматрасонии техникии автомобилҳо<br>3. Намуд ва тамғаи масолеҳи сӯзишворӣ, молиданӣ ва моеъҳои техникӣ<br>4. Асосҳои физика<br>5. Қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ<br>6. Қодаҳои ҳифзи меҳнат ва муҳити зист<br>7. Дастур оид ба расонидани ёрии аввалия<br>8. 6.Дастур оид ба истифодабарии равғанҳои молиданӣ ва моеъҳои химикат дошта<br>9. Қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор<br>10. Истифода бурдани воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ<br>11. Асосҳои нақшакашии техникӣ<br>12. Қоидаҳои санитарияи истеҳсолӣ ва беҳдоштӣ<br>13. Ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ<br>14. Асосҳои маводшиносӣ<br>15. Асосҳои механикаи техникӣ |

| Таҷҳизот, асбобҳо, масолеҳи асосӣ ва сарфшаванда | | |
|---|---|---|
| 1. Манганаи гидравликӣ ва механикӣ<br>2. Маҷмӯи калидҳо ва асбобҳо<br>3. Равғанкунакҳо<br>4. Дорукӯттӣ<br>5. Асбобҳо барои васлкунӣ ва банду басткунӣ<br>6. Борбардор ва такягоҳҳои зидди лағжиш<br>7. Калиди универсалӣ барои | 15. Тасмаи (лента) – и ойиққунӣ<br>16. Тахтасипар барои овезон кардани муҳаррики автомобил<br>17. Искана<br>18. Либоси махсус<br>19. Зарфи партовҷамъкунӣ<br>20. Зарф барои шӯстани механизмҳо<br>21. Латтапораҳо | 24. Моеъҳои техникӣ<br>25. Маҳлулҳои химиявии шӯянда<br>26. Абзори бардоштани милдонҳо (съёмникҳо)<br>27. Штангенсиркул<br>28. Сатил<br>29. Микрометр<br>30. Асбоби фосиласанҷ (щуп)<br>31. Мурваттобҳо<br>32. Печмеҳҳо<br>33. Калиди шашрӯя |

**Харитаи функсионалии бо усули DACUM таҳияшуда, барои касби**

**«Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил»**

**Иштирокчиёни таҳлили функсионалӣ:**

1. **Холматов Абдулло** – челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобили автосервиси «Одил»;
2. **Кенҷаев Саидбурҳон** – челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобили автабази №8;
3. **Ҳақназаров Бахтиёр** – устои таълими истеҳсолии МДТ «Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе»;
4. **Нозимов Дилшод** – челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобили автабази №8;
5. **Комрони Ҳошимзода** – устои таълими истеҳсолии МДТ «Литсейи касбии техникии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе».

**Модераторон**:

**Данило Анишенко** – коршиноси калидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиши Лоиҳа

**Сангин Бобоев** - коршиноси маҳаллии ғайрикалидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиши Лоиҳа

**Бахтиёров Озар** - супервайзер оид ба методологияи ТАС

**Фасилитаторон:**

1. Мирзоев Мирҷон
2. Раҳимов Абдусамад

<table>
<tr><td colspan="2">печмӯҳраҳои гупчак<br>8. Аробача<br>9. Манометр<br>10. Фишорченкунанда (Компресометр)<br>11. Домкрат<br>12. Калиди андохташаванда<br>13. Анбӯри салибшакл<br>14. Исканҷа</td><td colspan="2">22. Дастгоҳи борбардор<br>23. Дастгоҳи болобардор (подъёмник)</td><td></td><td rowspan="3"></td><td rowspan="3">Дар доираи лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»<br>таҳия шудааст.<br>ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>13-14 ноябри соли 2023</td></tr>
<tr><td colspan="5">Дурнамои оянда ва хусусиятҳо/мушкилоти касб</td></tr>
<tr><td colspan="3">1. Мубодилаи таҷриба байни челонгарон беҳтар мегардад.<br>2. Нуфӯзи касб баланд мешавад.<br>3. Сифати корҳо беҳтар мегарданд.<br>4. Ихтисоси омӯхташаванда ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ мегардад.<br>5. Хатар ва таввакалнамоиҳо дар роҳҳо пешгирӣ карда мешавад.</td><td colspan="2">6. Шароити вазнини меҳнатӣ.<br>7. Мушкилот дар ба даст овардани баъзе қисматҳои эҳтиётӣ.<br>8. Рақобатпазирии мутахассисон баланд мешавад.</td></tr>
</table>

Funded by
the European Union

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ХУЛОСАҲОИ СОҲА (экспертиза)

**Замимаи 2**

# ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734042, ш. Душанбе, к. Айнӣ 14, Тел: (372) 221-17-13, 221-20-03, E-mail: info@mintrans.tj, веб: www.mintrans.tj

№ 3/(5.1)-1828 аз «03» 09. соли 2024

Ба ____________ аз «___» ________ соли 2024

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба иҷрои "Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №703 тасдиқ шудааст, оид ба гузаронидани ташхиси (экспертиза)-и лоиҳаи стандартҳои салоҳияти касбҳо, чунин иттилоъ медиҳад.

Лоиҳаҳои стандартҳои салоҳиятҳо оид ба касбҳои "Челонгар-таъмирчии кузови автомобил", "Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил" ва "Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)", ки бо мақсади баланд бардоштани сифати касбияти мутахассисони касбҳои коргарӣ мутобиқ ба меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардидаанд ва ҳамчун дастурамал барои таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ истифода мешаванд, қобили дастгирӣ мебошад.

Ҳамзамон, Вазорат омодагии хешро барои ҳамкорӣ дар доираи салоҳият иброз менамояд.

Муовини вазир [signature] Ш. Саидмуродзода

Иҷр: Раёсати нақлиёти рӯизаминӣ
Тел: 222-22-75

ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ «СОМОН - ТАКСИ САЙР»

ОБЩЕСТВО С ОГРАНИЧЕННОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТЬЮ «СОМОН - ТАКСИ САЙР»

734025 Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Лучоби поён, e-mail: info@somontaxi.tj тел: +992 (372) 289898

5/47 аз “13” 09 2024 с.

ш. Душанбе

Лоиҳаи “Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон”

ҶДММ “Сомон такси Сайр” мактуби Шуморо аз 5-уми сентябри соли 2024 №67 оид ба гузаронидани ташхиси лоиҳаи стандартҳои салоҳияти касбҳои “Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)”, “Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил” ва “Челонгар-таъмирчии кузови автомобил” аз ҷониби мутахассисон ва коршиносони муассиса мавриди баррасӣ ва таҳлили қарор дод.

Қайд кардан ба мавридаст, ки лоиҳаҳои стандартҳои болозикр барои омода кардани кадрҳои коргарӣ тибқи талаботи бозори меҳнат зарур мебошанд.

ҶДММ “Сомон такси Сайр” лоиҳаҳои стандартҳои болозикрро барои таҳияи барномаҳои таълимӣ маъқул мешуморад.

Дар ташхиси лоиҳаи стандартҳои салоҳияти касбҳои “Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)”, “Челонгар-таъмирчии кузови автомобил” кормандони зерин иштирок намуданд:

1. Қамаров Н-оператори калон.
2. Ҳакимов Ч-сардори шӯъбаи бехатарӣ
3. Камолзода Ф- танзимгар

Директори генералии
ҶДММ “Сомон такси сайр”: Ҳакимов Ҳ.

ҶДММ
"САФАР ОРИЁН"
ш.Душанбе, куч. Карамова 29
РМА 040054769

"SAFAR ORIYON"
L.L.C.
Dushanbe, Karamova str. 29
TIN 040054769

Сафар Ориён

№530
29.08.24

Лоиҳаи "Кумаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон"

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сафар Ориён» аз дастгириҳои ҳамешагии Шумо бахри рушди соҳибкасб намудани шаҳрвандон ва хонандагон барои саҳм гузоштан дар инкишофи самтҳои касбомӯзии касбҳои талаботи бозори меҳнат, изҳори миннатдорӣ намуда, барои ҳамкории дуҷониба вобаста ба мактуби Шумо аз 22 августи 2024с, №67 оид ба гузаронидани ташхис (экспертизаи) лоиҳаҳои стандартҳои салоҳияти касбҳои «Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил (автомобилҳои баркӣ ва гибрид)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ва «Челонгар - таъмирчии кузови автомобил» хулосаи аъзоёни комиссияи кормандони ҷамъиятро пешниҳод менамояд:

Асбобу таҷҳизотҳо, масолеҳи сарфшаванда ва вазифаҳое ки барои касбҳои мазкур оварда шудааст, ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошад.

ҶДММ «Сафар Ориён» лоиҳаҳои стандартҳои салоҳияти касбҳои «Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил (автомобилҳои баркӣ ва гибрид)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ва «Челонгар - таъмирчии кузови автомобил» қобили қабул ва дастгирӣ менамояд.

Дар таҳлили лоиҳаи касбҳои мазкур кормандони зерин иштирок намуданд:

1. Обидинов Р.С.- сармуҳандис
2. Сафаров Ф.М. – механик – назоратчӣ
3. Давлатов Ҳ.А.- муҳандиси бехатарии ҳаракат дар роҳ
4. Шарипов К.Р. – Сардори шӯъбаи кадрҳо

Директор Ҳакимов И.Н.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди
"СОРО КОМПАНИЯ"

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
Общество с ограниченной ответственностью
"СОРО КОМПАНИЯ"

ш. Душанбе, н. И.Сомонӣ, к. Карамова 65А
тел.:(+992)224-54-74

г. Душанбе, р-н. И.Сомони, ул. Карамова 65А
тел.:(+992)224-54-74

№ 181 аз 27 Августи 2024 сол

ш. Душанбе

Лоиҳаи "Кумаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон"

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Соро компания» ҷиҳати дастгирию кумаки ҳаматарафа ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба Шумо арзи эҳтиром намуда, мактуби ирсолгардидаи Шумо аз 22 августи 2024с, №67, мавриди баррасӣ қарор дода, мувофиқи нақша ва барномаҳои тартибдодашуда, ки дар хулосаи комиссияи вобаста ба гузаронидани ташхис (экспертизаи) лоиҳаҳои стандартҳои салоҳияти касбҳои «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ва «Челонгар - таъмирчии кузови автомобил» дарҷ гардидааст чунин хулоса пешниҳод менамояд:

Дар лоиҳаи касбҳои "Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил" (автомобилҳои барқӣ ва гибрид", )», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ва «Челонгар - таъмирчии кузови автомобил» асбобу таҷҳизот ва масолеҳи сарфшаванда ва ҳамзамон уҳдадорӣ ва вазифаҳо, ки барои касбҳои мазкур оварда шудааст, ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат мутобиқат мекунад.

Ташхиси стандартҳои салоҳияти касбҳои «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ва «Челонгар - таъмирчии кузови автомобил»-ро Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Соро компания» дастгирӣ менамояд.

Дар ташхис ва таҳияи стандарти касбҳои болозикр кормандони зерин иштирок намуданд:

1. Кабутов Ҳ. – муҳандис оид ба техникаи бехатарӣ
2. Закиров А.И. – сардори шуъбаи кадрҳо
3. Низомов М.Ш сармуҳандиси нуқтаҳои таъмири нақлиёт
4. Холиқов А. – таъмиргари автомобилҳои барқӣ
5. Чарқулов Ф.Х- таъмиргари таҷҳизотҳои техники

Директори Ҷ ДММ"Соро компания" Давлятов Б.Ҷ.

TALCO PERSIA

№ 638
29.08.24

Лоиҳаи "Кумаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон"

ҶДММ «Талко Персия» мактуби Шуморо аз 22 августи 2024с, №67 оид ба гузаронидани ташхис (экспертизаи) лоиҳаҳои стандартҳои салоҳияти касбҳои «Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ва «Челонгар - таъмирчии кузови автомобил» аз ҷониби мутахассисон ва коршиносони муассиса мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, лоиҳаҳои болозикрро барои омода кардани кадрҳои коргарӣ тибқи талаботи бозори меҳнат зарур мебошанд.

ҶДММ «Талко Персия» лоиҳаҳои стандартҳои салоҳияти касбҳои «Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил» ва «Челонгар - таъмирчии кузови автомобил»-ро барои таҳияи барномаи таълимӣ маъқул мешуморад.

Дар ташхиси стандартҳои салоҳияти касбҳои болозикр кормандони зерин иштирок намуданд:

1. Қурбонов Н. - сармуҳандис
2. Сайдуллоев С. – механики назоратчӣ
3. Абдуллоев З. – мудири хоҷагӣ
4. Маҳмадёров А. - ҳуқуқшинос

Директор — Садуллоев С.Ч.

ҶДММ "Талко Персия", 734017, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч.Карамова 29
тел.: +992 (44) 600-66-13, 600-66-10, факс: +992 (44) 600-66-12, e-mail: info@talcopersia.tj, URL: www.talcopersia.tj